# ҚАРОРИ
# ҲАЙАТИ МУШОВАРАИ
# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «28» 03 соли 2025 № 5/6 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи «Низомномаи Олимпиадаи миллии бехатарии молиявӣ байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди муовини вазир – сарпарасти соҳа «Дар бораи тасдиқи «Низомномаи Олимпиадаи миллии бехатарии молиявӣ байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, қарор мекунад:

1. Низомномаи Олимпиадаи миллии бехатарии молиявӣ байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Ба сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, директорони марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳои вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ супорида шавад, ки ташкил, баргузорӣ ва натиҷагирии Олимпиадаи миллии бехатарии молиявӣ байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи Низомномаи мазкур ба роҳ монанд.

3. Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо» вазифадор карда шавад, ки ҳамасола барои дар сатҳи зарурӣ ташкил, баргузор ва натиҷагирӣ гардидани Олимпиадаи миллии бехатарии молиявӣ байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи Низомномаи мазкур тадбирҳои саривақтӣ андешад.

4. Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон» вазифадор карда шавад, ки ҳамкориро ҷиҳати баргузор намудани Олимпиадаи миллии бехатарии молиявӣ байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо» ба роҳ монад.

5. Мусоидат намудан барои ҷойи баргузории олимпиада ва пардохти хароҷотҳои олимпиада ба зиммаи Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон» аз ҳисоби маблағҳои Барномаи рушди донишгоҳ гузошта шавад.

6. Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифадор карда шавад, ки рафти амалӣ гардидани қарори мазкурро зери назорати қатъӣ қарор диҳад.

Сканировано с CamScanner

6. Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифадор карда шавад, ки рафти амалӣ гардидани қарори мазкурро зери назорати қатъӣ қарор диҳад.

7. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Равшан Каримзода гузошта шавад.

Раиси ҳайати мушовара, вазир — ДУРУСТ — Раҳим Саидзода

Сканировано с CamScanner

# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «25» 04 соли 2025 № 458 ш. Душанбе

Дар бораи амалӣ намудани қарори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2025, №5/6

Ба мақсади амалӣ намудани қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2025, №5/6 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Олимпиадаи миллии бехатарии молиявӣ байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи банди 13 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2025, №5/6 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Олимпиадаи миллии бехатарии молиявӣ байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди амал қарор дода шавад (замима мегардад).

2. Назорати рафти иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм Равшан Каримзода гузошта шавад.

Асос: қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2025, №5/6 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Олимпиадаи миллии бехатарии молиявӣ байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Вазир Раҳим Саидзода

Муовини вазир
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ

Сканировано с CamScanner

Бо қарори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
«28» марти соли 2025, № 5/6
тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ ОЛИМПИАДАИ МИЛЛИИ БЕХАТАРИИ МОЛИЯВӢ БАЙНИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Олимпиадаи миллии бехатарии молиявӣ байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

2. Низомномаи мазкур тартиби ташкил, баргузорӣ ва натиҷагирии Олимпиадаи миллии бехатарии молиявӣ байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (минбаъд-Олимпиада)-ро муайян намуда, даври баргузорӣ, мӯҳлат, таъминоти методӣ, маблағгузорӣ, қоидаҳои иштирок, ҳуқуқу вазифаҳои иштирокчиён ва ғолибони Олимпиадаро муқаррар менамояд.

3. Дар Олимпиада хонандагони синфҳои 8-10 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки барномаҳои таълимиро аз худ намудаанд ва берун аз барномаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ аз уҳдаи иҷрои талаботи Олимпиада мебароянд, иштирок менамоянд.

4. Олимпиада дар се давр гузаронда мешавад:

-даври якум - шаҳрӣ (ноҳиявӣ);

-даври дуюм – вилоятӣ;

-даври сеюм - ҷумҳуриявӣ.

5. Забони баргузории Олимпиада русӣ мебошад.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ОЛИМПИАДА

6. Мақсади ташкил ва баргузории Олимпиада дарёфт ва рушди хонандагони лаёқатманд мебошад.

7. Вазифаҳои Олимпиада:

- баланд бардоштани маърифати умумии иттилоотӣ, молиявӣ, ҳуқуқии хонандагон ва рушди шаклҳои нави тафаккур;

-дарёфт намудани хонандагони боистеъдод, ки дорои дониш ва малакаи амиқ дар соҳаи бехатарии молиявӣ мебошанд;

Сканировано с CamScanner

- баланд бардоштани шавқ ва фаъолияти эҷодии хонандагон дар соҳаи бехатарии молиявӣ;

- ҳавасмандгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ва илмӣ-таҳқиқотии хонандагон дар соҳаи бехатарии молиявӣ;

-ҷалби хонандагон ба ҳаракати олимпӣ бо мақсади омода намудани онҳо дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар мувофиқа бо Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-интихоб ва муайян намудани дастаҳои мунтахаби ҷумҳурӣ барои иштирок дар олимпиадаҳои байналмилалӣ дар мувофиқа бо Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 3. КУМИТАИ ТАДОРУКОТ ВА ҲАЙАТИ ДОВАРОН

8. Барои амалӣ намудани таъмини ташкили Олимпиада дар даврҳои якум, дуюм ва сеюм Кумитаи тадорукоти ноҳиявӣ (шаҳрӣ), вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ таъсис дода мешавад.

9. Барои амалӣ намудани таъмини ташкили Олимпиада дар даврҳои якум (ноҳиявӣ, шаҳрӣ), дуюм (вилоятӣ) ва сеюм (ҷумҳуриявӣ) Кумитаи тадорукот аз ҳисоби мутахассисони марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳои шаҳру ноҳияҳо, Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» ҷой дода мешавад.

10. Кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявӣ дар асоси фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

11. Кумитаи тадорукоти ноҳиявии олимпиада бо фармоиши мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тасдиқ карда мешавад.

12. Кумитаи тадорукоти даврҳои олимпиада ҳар сол аз нав таъсис ёфта, фаъолияти онҳо барои роҳбарии умумӣ ва таъмини ташкили ҳамаи даврҳои Олимпиада ба роҳ монда мешавад.

13. Кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

-баргузории даври сеюми олимпиадаро роҳбарӣ менамояд;

-«Қоидаҳои тартиби ташкил ва баргузории даврҳои олимпиада», «Тартиб ва меъёри таҳияи супоришҳои олимпиада», «Тартиб, меъёр ва тарзи баҳогузории корҳои иштирокдорони олимпиада»-ро тасдиқ менамояд;

- ба вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мӯҳлат ва баргузории даври сеюм (ҷумҳуриявӣ)-и олимпиада, шумораи иштирокчиён ва мукофотгирандагони даври сеюм (ҷумҳуриявӣ)-и олимпиада ва натиҷагирии даврҳои олимпиада ва рушди ҳаракати олимпиро баррасӣ ва таҳлил намуда, ҳисобот пешниҳод менамояд;

- комиссияи апеллятсионӣ аризаи иштирокдорони даврҳои якум, дуюм ва сеюми олимпиадаро дар хусуси баҳсҳое, ки барои гузоштани баҳо аз ҷониби ҳакамони Кумитаи тадорукоти даврҳои Олимпиада ба мувофиқа наомадаанд, дида мебарояд;

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Сканировано с CamScanner

- натиҷаи даври сеюми (ҷумҳуриявӣ)-и олимпиадаро (рейтинги ғолибон ва ҷойҳои ишғолнамуда) дар сомонаҳои расмии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» ҷой медиҳад;

- тарғиби васеи рафти баргузорӣ ва натиҷаҳои олимпиадаро тавассути воситаҳои ахбори омма ба роҳ мемонад.

14. Бо мақсади назорат намудани раванди баргузории Олимпиада - даврҳои якум (ноҳиявӣ, шаҳрӣ), дуюм (вилоятӣ) ва сеюм (ҷумҳуриявӣ) дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» гурӯҳи корӣ ташкил карда мешавад. Гурӯҳи корӣ саволномаҳои Олимпиадаро таҳия менамояд.

15. Кумитаи тадорукоти даврҳои Олимпиада вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- омодагӣ, ташкил ва баргузории олимпиадаро таъмин менамояд;

- ҷой, муҳлати баргузории даврҳои олимпиада, шумораи иштирокчиёнро аз ҳисоби ғолибону мукофотгирандагон муайян ва ба ташкилкунандагони олимпиада барои тасдиқ пешниҳод менамояд;

- номгӯи маводи иттилоотии иловагӣ, ки барои истифодабарӣ иҷозат дода шудааст, тасдиқ менамояд;

- ҳангоми баргузории Олимпиада шаффофиятро таъмин менамояд;

- тартиби ба рамз даровардани корҳои иштирокчиёни олимпиадаро муқаррар менамояд ва ба роҳ мемонад;

- дар раванди баргузории олимпиада барои фаъолияти фардӣ, таҷҳизоти заруриро (тибқи талаботи ҳар як фан имконоти баробар ва ҷавобгӯ ба қоидаву меъёрҳои санитарӣ-эпидемиологӣ) таъмин менамояд;

- раванди сабти номи иштирокчиёнро барои дида баромадани корҳои апеллятсионӣ таҳия менамояд;

- масъалаҳои баҳсталабро дар раванди баргузории Олимпиада дида мебарояд;

- махфияти супоришҳои Олимпиадаро таъмин намуда, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариро бар дӯш мегирад;

- дар асоси протоколи ҳайати доварон ғолибон ва мукофотгирандагони олимпиадаро муайян менамояд;

- натиҷаи олимпиадаро ҷамъбаст намуда, рӯйхати ғолибонро муайян ва барои иштирок дар даврҳои минбаъдаи олимпиада ба ташкилкунандагони олимпиада пешниҳод менамояд;

-иштироки ғолибон ва мукофотгирандагонро дар даври минбаъдаи Олимпиада Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» таъмин менамояд.

## 4. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА БАРГУЗОРИИ ОЛИМПИАДА

16. Олимпиада ҳар сол дар муҳлати зерин ташкил ва баргузор мегардад:
-даври якум моҳи сентябр;
-даври дуюм моҳи октябр;
-даври сеюм моҳи октябр.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Сканировано с CamScanner

17. Ба даври ҷумҳуриявӣ 30 нафар ғолибони даври дуюми Олимпиада роҳхат мегиранд.

## 5. ШАРТҲОИ БАРГУЗОРИИ ОЛИМПИАДА

18. Олимпиада аз рӯйи супоришҳои тестӣ гузаронида мешавад.

19. Иҷрои супоришҳои тестии иштирокдорони Олимпиада пас аз рамз гузоштани Кумитаи тадорукот ба ҳайати доварон барои санҷиш супорида шуда, баъд аз санҷиш ва гузоштани имзо аз ҷониби аъзо ва раиси доварон ба Кумитаи тадорукоти Олимпиада супорида мешавад. Кумитаи тадорукоти Олимпиада натиҷаи кори иштирокчиёни Олимпиадаро тибқи талаботи дар Тартиб дарҷшуда дар ҷойи махфӣ нигоҳ медорад. Дар даври сеюми Олимпиада ин тартибот аз ҷониби Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» ва Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

20. Натиҷагирии кори иштирокчиёни Олимпиада тибқи талаботи Низомномаи мазкур баҳогузорӣ шуда, Раис ва аъзои доварон ба протоколи натиҷаи корҳо имзо мегузоранд. Пас аз гузоштани имзо ному насаби иштирокчиён аз ҷониби Кумитаи тадорукот дар протоколи ҷамъбастӣ сабт карда мешавад.

21. Саволномаҳо метавонанд дар доираи барномаи таълимӣ ва берун аз барномаи таълимӣ бошанд.

22. Натиҷаи Олимпиада ва рӯйхати ғолибон дар сомонаи расмии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» ҷой дода мешавад.

23. Ҷойи ғолибон аз рӯйи холи бадастовардаи иштирокчиён пас аз баргузории апеллятсия муайяṇ карда мешавад.

24. Дар протоколи ҷамъбастӣ ном ва насаби хонанда, синф, муассисаи таълимӣ, ноҳия, фан ва холи супоришҳои якум, дуюм, ҷамъбасти умумии холҳо ва ҷойи ишғолгардида нишон дода мешавад.

25. Тартиби баҳогузорӣ вобаста ба супоришҳо пеш аз оғози Олимпиада ба хонандагон эълон гардида, пас аз анҷоми Олимпиада иштирокчӣ китобчаи тест (супоришҳо)-ро месупорад.

## 6. НИЗОМИ БАҲОГУЗОРӢ БА НАТИҶАИ КОРИ ИШТИРОКЧИЁНИ ОЛИМПИАДА

26. Холҳо аз рӯйи меъёри 100-хола баҳогузорӣ шуда, барои ҳар як ҷавоби дуруст 10 хол муайян мегардад.

## 7. АПЕЛЛЯТСИЯ ВА ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ ОН

27. Апеллятсия аз тарафи Кумитаи тадорукот гузаронида мешавад. Комиссияи апеллятсионии даврҳои Олимпиада аз ҷониби Кумитаи тадорукот таъсис дода мешавад.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Сканировано с CamScanner

28. Апеллятсия дар асоси аризаи иштирокчии Олимпиада дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

-ғалат пешниҳод гардидани маводи супоришҳои тестӣ аз ҷониби таҳиягарон ё ҳангоми генератсияи онҳо бо хатои техникӣ таҳия гардидани саволномаҳои тестӣ, нодуруст тартиб додани калиди ҷавобҳо ё бо хато ворид намудани калиди ҷавобҳои дуруст;

-набудани ҷавоби дуруст дар байни ҷавобҳои ба саволномаи тестӣ пешниҳодшуда;

-ба ҳисоб нагирифтани ҷавобҳои дуруст ҳангоми санҷиши варақаи ҷавобҳои иштирокчии Олимпиада ё сканер накардани он аз ҷониби мутахассисон.

29. Дархости иштирокчии Олимпиада дар асоси аризаи ӯ оид ба гузаронидани апеллятсия дар муддати 24 соат аз лаҳзаи эълон гардидани натиҷаи Олимпиада баррасӣ карда мешавад.

30. Тартиби гузаронидани апеллятсия:

-иштирокчии Олимпиада рӯзи эълон шудани натиҷаи Олимпиада ба Кумитаи тадорукот бо ариза муроҷиат мекунад. Кумитаи тадорукот аризаи иштирокчиёнро баррасӣ намуда, бо назардошти мувофиқати он ба талаботи банди 7.2-и Низомнома мазкур оид ба зарурати гузаронидани апеллятсия қарор қабул мекунад;

-натиҷаи апеллятсия ба варақаи апеллятсионӣ гузаронида мешавад;

-тағйир додани натиҷаи кор (холи бадастоварда)-и иштирокчии Олимпиада бе баргузории апеллятсия қатъиян манъ аст.

31. Дар рафти баргузории апеллятсия дар ҳолати пайдо шудани баҳс, иштирокчӣ, падару модар ва ё омӯзгор ҳуқуқи иштирок карданро доранд.

## 8. ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲОИ ИШТИРОКЧИЁНИ ОЛИМПИАДА

32. Иштирокчиёни Олимпиада ҳуқуқ доранд:

-пеш аз баргузории Олимпиада аз ташкилкунандагон ва Кумитаи тадорукот оид ба қоидаҳои баргузории Олимпиада, тартиби пешниҳод ва гузаронидани апеллятсия маълумоти муфассал гиранд;

-бо мақсади таъмини шаффофият ва эътимод ба баҳогузорӣ, иштирокчиёне, ки аз натиҷаи баҳогузорӣ розӣ нестанд, метавонанд ба Комиссияи апеллятсионӣ ариза пешниҳод намуда, ба натиҷаи корҳои худ шинос шаванд.

33. Иштирокчиёни Олимпиада вазифадоранд:

-дар соати муқарраргардида дар маконе, ки Олимпиада баргузор мегардад, ҳозир шаванд;

-ашёи заруриро (ручкаи оддии ранги сиёҳ ё кабуд, барои корҳои тестӣ) бо худ дошта бошанд;

-дар аснои бақайдгирӣ шаҳодатномаи таваллуд (шиноснома) ва ё ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият пешниҳод намоянд;

-дар раванди баргузории Олимпиада талаботи Низомномаи мазкур, қоидаву талаботеро, ки аз тарафи ташкилкунандагони даврҳои ноҳиявӣ (шаҳрӣ), вилоятӣ ва ҷумҳуриявии Олимпиада тасдиқ шудаанд, риоя намоянд;

-дар толорҳое, ки Олимпиада мегузарад, гаштугузор ва гуфтугӯ накунанд;

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Сканировано с CamScanner

-бе иҷозати роҳбари даста макони баргузории Олимпиадаро тарк накунанд;

-то ҷамъбасти Олимпиада қоидаҳои тартиботи муқарраргардидаро риоя намоянд;

-ба молу мулки муассисаи таълимие, ки дар он ҷо Олимпиада баргузор мегардад, зарар нарасонанд.

34. Дар сурати аз ҷониби иштирокчии Олимпиада расонидани зарар ба молу мулки макони баргузории Олимпиада зиёни расонидаро роҳбари гурӯҳ ва ё падару модари иштирокчии Олимпиада ҷуброн менамоянд.

35. Барои иштирокчие, ки дар рафти баргузории Олимпиада сабабгори ба миён овардани мунoқиша ё низоъ мегардад ва ё тартиботи муқарраргардидаи Олимпиадаро риоя намекунад, чораҳои зерин муқаррар карда мешавад:

-ҳуқуқи иштирок дар Олимпиадаро аз даст медиҳад;

-холҳои бадастовардааш бекор карда мешавад;

-аз ҳуқуқи иштирок дар олимпиадаҳои минбаъда пурра маҳрум мегардад.

36. Ба ҳамаи даврҳои Олимпиада хонандагон дар сурати доштани ҳуҷҷатҳои зерин роҳ дода мешаванд:

-шиноснома (асл) барои хонандагони аз 16 сола боло;

-шаҳодатномаи таваллуд (асл) барои хонандагони то 16 сола.

Дар сурати пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳои мазкур хонанда ба Олимпиада роҳ дода намешавад.

37. Масъулияти дурустии маълумот оид ба шахсияти хонандаро роҳбарияти муассисаи таълимие, ки хонанда дар он таҳсил менамояд, ба уҳда дорад. Дар сурати муайян гардидани маълумоти нодуруст иштирокчӣ аз ҳуқуқи иштирок дар Олимпиада маҳрум мегардад ва холҳои бадастовардаи ӯ ба инобат гирифта намешавад. Роҳбари муассисаи таълимӣ барои додани маълумот ба иштирокчии Олимпиада масъул буда, барои додани маълумоти нодуруст мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар аст.

38. Дар даврҳои Олимпиада ба ҷойи иштирокчие, ки тибқи дархост пешниҳод гардидааст, пешниҳод намудани иштирокчии дигар манъ мебошад.

39. Дар вақти баргузории Олимпиада ба ҳар як иштирокчӣ ҷойи алоҳида ҷудо карда мешавад.

40. Дар рафти баргузории Олимпиада истифодаи маводи таълимӣ, телефони мобилӣ, дигар намуди воситаҳои электронӣ ва алоқа манъ мебошад.

41. Ба иштирокчиёни Олимпиада истифодаи ҳисобкунак иҷозат дода намешавад.

42. Хонанда метавонад аввал кори худро дар сиёҳнавис ва баъдан дар сафеднависи варақаи ҷавобҳо анҷом диҳад.

43. Ҳангоми дар рафти санҷиш муайян намудани ягон аломат, ишорат ва ё навиштаҷоти берун аз супоришҳои Олимпиада дар кори иҷрокардаи хонанда кори ӯ санҷида намешавад ва ин хонанда ба олимпиадаҳои минбаъда роҳ дода намешавад.

44. Дар ҳолати риоя накардани талаботи Низомномаи мазкур ташкилкунандагони Олимпиада ҳуқуқ доранд, ки дар асоси санади тартибдодашуда иштирокчиро аз ҳуқуқи иштирок намудан дар Олимпиада маҳрум созанд.

Сканировано с CamScanner

## 9. ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲОИ РОҲБАРОНИ ДАСТАҲО

45. Роҳбарони дастаҳо ҳуқуқ доранд:

-дар даври ҷумҳуриявии Олимпиада дар доираи муқаррароти Низомнома (10 нафар хонанда ва 1 нафар роҳбари даста) аз ҷойи хоб ва хӯрок истифода намоянд;

-иштирокчиёни дастаро роҳбаладӣ намуда, дар сурати пайдо шудани масъала ба Кумитаи тадорукоти даврҳои Олимпиада муроҷиат намоянд.

46. Роҳбарони дастаҳо вазифадоранд:

-ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии даста дар давраи баргузории Олимпиада ҷавобгарии фардиро бар дӯш гиранд;

-тартиботи иштирокчиёни Олимпиадаро дар макони баргузории Олимпиада ва хобгоҳ назорат намоянд;

-ба даста дар макони баргузории Олимпиада то ворид шудан ба синфхонаҳои имтиҳонӣ ва пас аз баромадан аз он роҳбарӣ намоянд;

-иштироки саривақтии аъзои дастаро дар рафти баргузории Олимпиада ва дигар чорабиниҳои банақшагирифта таъмин намоянд;

-барои интизом ва тартиботи даста ҷавобгариро бар дӯш гирифта, ҷуброни зиёни расонидашудаи иштирокчиёнро барқарор намоянд.

## 10. ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАҲОИ ОЛИМПИАДА

47. Олимпиада аз рӯйи натиҷаҳои ҳар як давр ҷамъбаст гардида, ғолибон аз рӯйи натиҷаҳои ниҳоии холҳо муайян карда мешаванд.

## 11. МАБЛАҒГУЗОРИИ ОЛИМПИАДА

48. Ташкили нақлиёт аз ҷойи истиқомат то макони баргузории Олимпиада, хизматрасонии тиббӣ, хароҷоти хӯрока, ҷойи хоби роҳбарони дастаҳо ва иштирокчиёни Олимпиада дар даврҳои якум, дуюм ва сеюм (ноҳиявӣ (шаҳрӣ), вилоятӣ, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ) аз ҳисоби Барномаи рушди Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

49. Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» дар даврҳои дуюм ва сеюми Олимпиада маблағгузориҳои зеринро ба зимма мегирад:

-барои хизматрасонии маданӣ-маишӣ ва тиббӣ (хӯрок, ҷойи хоб, саёҳат ба ҷойҳои фарҳангӣ, ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ барои иштирокдорони Олимпиада ва роҳбарони дастаҳо) сафархарҷӣ ва ҳавасмандгардонии иштирокчиён ва омӯзгорони онҳо;

-барои тайёр намудани медал, диплом, харидории тӯҳфаҳои хотиравӣ, лавозимоти дафтардорӣ ба сафари хизматӣ фиристодани аъзои Кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;

-барои омода намудан, чоп, бастабандии маводи Олимпиада, музди меҳнати мутахассисони фаннӣ, аъзои Кумитаи тадорукоти шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ҷумҳуриявӣ, Комиссияи методии фаннии ҷумҳуриявӣ ва

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ ...

Сканировано с CamScanner

ҳайати доварони даври сеюми Олимпиада (шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) ва дигар хароҷот.

50. Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» ва Кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявӣ метавонанд барои дарёфти маблағҳои иловагӣ аз ҳисоби Барномаи рушди Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон истифода баранд.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сканировано с CamScanner